

*Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим, ҷилди **7**, саҳ. **122**; Сунани Дорамӣ, ҷилди **2**, саҳ. **432**; Муснади Аҳмад, ҷилди **3**, саҳ. **14, 17, 26, 59**, ҷилди **4**, саҳ. **366, 371**, ҷилди **5**, саҳ. **182**, Мустадраки Ҳоким, ҷилди **3**, саҳ. **109, 148, 533** ва ...*

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати ёздаҳум**
**Зиндагии пешвои нӯҳум ҳазрати**
**Имом Муҳаммади Тақӣ (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام کتاب: پیشوای نهم حضرت امام محمد تقی (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои нӯҳум Имом Муҳаммади Тақӣ)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Зарринтоҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-214-8
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org



**RIGHTS RESERVED FOR THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посухҳо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои Нӯҳум ҳазрати Имом Муҳаммади Тақӣ (а)

## Валодати Имом (а)

Чилу чанд сол аз умри шарифи ҳаштумин пешво - Имом Ризо (а) мегузашт, вале ҳанӯз он гиромӣ фарзанде надошт. Ин мавзӯъ барои шиаён нигаронкунанда буд, барои он ки бар асоси ривоятҳои расида аз Паёмбар(с) ва имомон(а) мӯътақид буданд, ки имоми нӯҳум фарзанди имоми ҳаштум хоҳад буд. Ба ҳамин ҷиҳат сахт дар интизор буданд, то Худои мутаол писаре ба Имом Ризо (а) ато фармояд. Онон ҳатто гоҳе ба хидмати Имом шарафёб мешуданд ва аз ҳазрат мехостанд дуо кунад Худованд писаре ба ӯ иноят кунад. Он гиромӣ дар посух ононро дилбардорӣ мекард ва мефармуд:

> ***“Худованд писаре ба ман медиҳад, ки вориси ман ва имоми пас аз ман хоҳад буд”.[1]***

Саранҷом даҳуми моҳи раҷаби соли 195-и ҳиҷрии қамарӣ Имом Муҳаммади Тақӣ ба дунё

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.15.



омад.[1] Номи он ҳазрат Муҳаммад ва кунияаш Абӯҷаъфар ва машҳуртарин лақабҳои ӯ “Тақӣ” ва “Ҷавод” аст.

Таваллуди он гиромӣ барои ҷомеаи шиа шодибахш ва сабабгори устувории имону эътиқод буд. Зеро шубҳае, ки мумкин буд ба ҷиҳати дер шудани таваллуди он гиромӣ барои бархе аз шиаён рух диҳад, бартараф шуд.

Номи модари Имом Ҷавод(а) Сабика аст ва Имом Ризо(а) ӯро Хайзарон номид. Ин бонуи гиромӣ аз хонадони Морияи Қибтия[2] – ҳамсари Расули Худо(с) ва дар фазилатҳои ахлоқӣ аз бартарин занони замони худ буд. Паёмбар(с) дар ривояте ӯро “Хайратулимоъ”,- беҳтарини канизон номида аст.[3] Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) солҳо пеш аз он ки ин бону ба хонаи Имом Ризо(а) биёяд, бархе аз хусусиёти ӯро баён фармуд ва тавассути Язид ибни Сулайт - яке аз ёрони хеш барои ӯ салом фиристод.[4]

Ҳакима - хоҳари Имом Ризо(а) мегӯяд: ҳангоми валодати Имом Муҳаммади Тақӣ бародарам аз

[1] Бинобар қавли дигар таваллуди он гиромӣ дар моҳи рамазон будааст.

[2] Морияи Қибтия канизе аст, ки ба ҳамсарии Расули Худо(с) даромад. Ӯ модари Иброҳим – фарзанди Расули Акрам(с) мебошад.

[3] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.323.

[4] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.315.

ман хост назди Хайзарон бошам. Навзод дар рӯзи сеюми валодат дида ба сӯи осмон кушод ва ба чапу рост нигарист ва гуфт:

“**Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ**”.

Ман бо мулоҳизаи чунин мавзӯи шигифтовар ҳаросон бархостам ва ба хидмати бародарам омада, ҳар он чӣ дида будам ба арзаш расондам. Имом фармуд: “Шигифтиҳое, ки баъд аз ин аз ӯ хоҳед дид, бештар аз он чӣ то кунун дидаед, хоҳад буд.[1]

**Абӯяҳёи Санъонӣ** мегӯяд: хидмати Имом Ризо(а) будам. Имом Ҷаводро, ки кӯдаки хурдсол буд назди он ҳазрат оварданд. Ҳазрат фармуд:

> ***“Ин мавлуде аст, ки барои шиа мавлуде муборактар аз ӯ ба дунё наомадааст”.***[2]

Шояд ин фармоиши имом ба ҳамон ҷиҳат бошад, ки қаблан ишора кардем, зеро таваллуди Имом Ҷавод нигаронии шиаёнро аз ин ки Имом Ризо(а) ҷонишине надорад, бартараф сохт ва имони ононро аз олудагӣ ба шакку шубҳа наҷот дод.

---

[1] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб чопи Қум, ҷ.4, саҳ.394.

[2] “Анворулбаҳия” саҳ, 125. “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.321. “Иршод”-и Муфид саҳ.299.



**Нуфалӣ** мегӯяд, ки ҳангоми мусофирати Имом Ризо(а) ба Хуросон ба он гиромӣ арз кардам: “Бо ман амру фармоне надоред?”

Ҳазрат фармуд:

> ***“Бар ту бод, ки пас аз ман аз фарзандам Муҳаммад пайравӣ кунӣ, ман ба сафаре меравам, ки боз нахоҳам омад”.***[1]

**Муҳаммад ибни Абӯуббод**, ки котиби Имом Ризо(а) буд, мегӯяд: он гиромӣ аз фарзандаш Муҳаммад(а) бо куния ёд мекард.[2] Ҳангоме ки аз Имом Ҷавод(а) номае мерасид, мефармуд: “Абӯҷаъфар ба ман навиштааст...”. Ҳангоме ки ба фармони Имом Ризо(а) ба Абӯҷаъфар нома менавиштам, ӯро бо бузургию эҳтиром мавриди хитоб қарор медод ва номаҳое, ки аз Имом Ҷавод(а) меомад, дар ниҳояти балоғат ва зебоии калом буд.

Ва низ Муҳаммад ибни Абӯуббод мегӯяд: аз Имом Ризо(а) шунидам, ки мефармуд: “Пас аз ман Абӯҷаъфар васии ман ва ҷонишинам дар миёни хонаводаам хоҳад буд.[3]

**Муаммар ибни Халлод** мегӯяд: Имом Ризо (а) дар ҳоле ки матлаберо ёд мекард фармуд: "Чӣ

---

[1] “Уйуну ахборир-Ризо” ҷ.2, саҳ.216.

[2] Дар миёни мардуми араб барои эҳтиром шахсро ба куния ёд мекунанд.

[3] “Уйуну ахборир-Ризо” ҷ.2, саҳ.240.

ниёзе доред ин матлабро аз ман бишнавед? Ин Абӯҷаъфар аст, ки ӯро ба ҷои худ нишондаам ва дар макони худ қарор додаам (яъне ҳар саволу мушкиле дошта бошед, посух хоҳад дод). Мо хонадоне ҳастем, ки фарзандони мо аз падарон ҳақоиқ, маориф ва улумро комилан ба ирс мебаранд".[1] (Манзур он аст, ки ҳамаи илмҳо ва мақомоти имомат аз имоми қаблӣ ба имоми баъдӣ мерасад ва ин махсуси имомон алайҳимуссалом аст, на фарзандони дигари имомон).

**Хайронӣ** аз падараш нақл мекунад, ки гуфт: дар Хуросон назди Имом Ризо(а) будам ва касе аз он ҳазрат пурсид:

- Агар барои шумо ҳодисае рух диҳад, ба чӣ касе руҷӯъ кунем?

Фармуд:

- Ба писарам Абӯҷаъфар.

Гӯё саволдиҳанда синну соли Имом Ҷавод(а)-ро намедонист ва фикр мекард чӣ гуна кӯдак метавонад ӯҳдадори имомат бошад. Имом Ризо(а) фармуд:

> ***“Худои мутаол Исоро ба нубуввату рисолат барангехт, дар ҳоле ки синни ӯ***

[1] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.331. “Иршод”-и Муфид саҳ.298.



> ***аз синни кунунии Абӯҷаъфар ҳам камтар буд”.***[1]

**Абдулло ибни Ҷаъфар** мегӯяд: ҳамроҳ бо Сафвон ибни Яҳё хидмати Имом Ризо(а) шарафёб шудем. Имом Ҷавод(а) да ин ҳангом сесола буд ва дар он ҷо ҳузур дошт. Аз Имом пурсидем:

- Агар ҳодисае рӯй диҳад ҷонишини шумо кист?

Имом ба Абӯҷаъфар ишора кард ва фармуд:

- Ин фарзандам.

Гуфтем:

- Бо ин синну сол?

Фармуд:

- Оре бо ҳамин синну сол, Худои мутаол Исо (а)-ро ҳуҷҷати хеш қарор дод, дар ҳоле ки се сол ҳам надошт.[2]

## Имомати он гиромӣ

Имомат монанди нубувват атои илоҳӣ аст, ки Худои мутаол  ба бандагони баргузидаю шоистаи худ ато фармудааст ва ба синну сол дахолате надорад. Шояд касоне, ки паёмбарию имомати кӯдаки хурдсолро нашуданӣ ва номумкин пиндоштаанд, ин умури илоҳию осмониро бо

[1] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.322. “Иршод”-и Муфид саҳ.299.

[2] “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.35.

масоили оддӣ иштибоҳ кардаанд ва дар як радиф тасаввур намудаанд. Дар ҳоле ки ин тавр нест ва имомату нубувват ба хости Худои мутаол вобаста аст. Худованд ба бандагоне, ки ба илми номаҳдуди хеш шоистагиашонро барои чунин мақоме медонад, иноят мекунад ва ҳеҷ ишколе надорад, ки гоҳе бинобар масолиҳе Худованд ҳамаи улумро ба кӯдаки хурдсол ато кунад ва ӯро дар синни кӯдакӣ ба паёмбарӣ мабъус ва ё ба имомати уммат таъйин кунад.

Имоми нӯҳум ҳазрати Ҷавод(а) дар ҳудуди ҳашт ё нӯҳсолагӣ ба мақоми пуршарафи имомат расид. Муалло ибни Муҳаммад мегӯяд: пас аз даргузашти Имом Ризо(а) Имом Ҷаводро дидам ва дар қадду андоми ӯ дақиқ назар кардам, то барои шиаён бозгӯ кунам. Дар ин ҳол он Ҳазрат нишаст ва фармуд:

- Эй Муалло! Худованд дар имомат низ ба монанди нубувват исбот карда фармудааст: “**Ва отайноҳул ҳукма сабиян**, **-** ***Ба Яҳё дар хурдсолӣ нубувват додем.”***[1]

**Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Аммор** мегӯяд: ду сол дар Мадина хидмати Алӣ ибни Ҷаъфар мерафтам ва ӯ ривоёте, ки аз бародараш Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) шунида буд, бароям мегуфт ва менавиштам. Рӯзе дар Масҷиди

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.306.



Паёмбар(с) назди ӯ нишаста будам, ки Имом Ҷавод ворид шуд ва Алӣ ибни Ҷаъфар бидуни кафш ва ридо[1] аз ҷой бархост, дасти он ҳазратро бӯсид ва таъзим кард.

Имом ба ӯ фармуд:

**-** Эй амак, бинишин, Худо туро раҳмат кунад.

Арз кард:

**-** Сарвари ман, чӣ тавр бинишинам дар ҳоле ки шумо истодаед.

Ҳангоме ки Алӣ ибни Ҷаъфар ба ҷои худ баргашт ёрону муоширонаш ӯро сарзаниш карданд, ки ту амаки падари ӯ ҳастӣ ва ин гуна ӯро эҳтиром мекунӣ!

Алӣ ибни Ҷаъфар гуфт:

**-** Сокит бошед, дар ҳоле ки Худои азизу ҷалил ин риши сафедро (бар риши худ даст ниҳода) сазовори имомат надида ва ин ҷавонро сазовор ёфта имом қарор додааст, (мехоҳед) фазилати ӯро инкор кунам?! Аз он чӣ мегӯед ба Худо паноҳ мебарам, ман бандаи ӯ ҳастам.[2]

**Умар ибни Фараҷ** мегӯяд, ки ҳамроҳи Имом Ҷавод(а) дар канори дарёи Даҷла истода будем, ба эшон гуфтам:

**-** Шиаёни шумо даъво мекунанд, ки шумо вазни оби Даҷларо медонед.

[1] Яктаҳ, ҷелак, либоси дарозе, ки аз рӯи либосҳо бар тан кашида мешавад.

[2] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.322.

Фармуд:

- Оё Худо тавоноии онро дорад, ки илм ба вазни оби Даҷларо ба пашшае ато кунад?

Гуфтам:

- Оре Худо қодир аст.

Фармуд:

- Ман назди Худо аз пашша ва аз бештари махлуқоташ гиромитар ҳастам.[1]

**Алӣ ибни Ҳассони Воситӣ** мегӯяд: теъдоде асбоббозӣ ҳамроҳи худ гирифтам ва бо худ гуфтам: аз он ҷо ки имом хурдсол аст онҳоро барои он ҳазрат ҳадя мебарам!

Хидмати он гиромӣ шарафёб шудам. Мардум масоили худро мепурсиданд ва ҳазрат посух медоданд. Вақте пурсишҳояшон поён ёфт ва рафтанд, имом низ аз ҷой бархост ва рафт. Ман низ аз паси ӯ рафтам ва ба воситаи ходимаш иҷозати мулоқот гирифтам ва дохил шудам. Салом кардам, ҷавоби салом дод, аммо нороҳат ба назар мерасид ва ба ман низ иҷозати нишастан надод. Пеш рафтам ва асбоббозиҳоро наздаш гузоштам. Ҳазрат хашмгин ба ман нигоҳ кард ва асбоббозиҳоро ба чапу рост чошид ва фармуд:

"Худо маро барои бозӣ наофаридааст, маро бо бозӣ чӣ кор!"

---

[1] "Далоилулимома" саҳ.212. "Биҳоруланвор" ҷ.50, саҳ.59.



Ман асбоббозиҳоро аз замин бардоштам ва аз он гиромӣ талаби бахшиш кардам. Ҳазрат пазируфт ва маро авф кард ва ман аз наздаш берун омадам.

### Порае аз ахбори ғайбӣ ва мӯъҷизаҳо

1- Пас аз шаҳодати Имом Ризо (а) ҳаштод нафар донишмандон ва фақеҳони Бағдод ва шаҳрҳои дигар барои анҷоми маросими ҳаҷ ба Макка сафар қарданд. Онон дар сари роҳи худ ба Мадина ворид шуданд, то Имом Ҷавод(а)-ро низ мулоқот кунанд ва дар хонаи Имом Содиқ (а), ки холӣ буд, фурӯд омаданд...

Имом (а), ки хурдсол буд, вориди маҷлиси онон шуд. Шахсе ба номи Муваффақ ӯро ба ҳозирон муаррифӣ кард. Ҳама ба эҳтиром аз ҷо бархостанд ва салом карданд. Баъд аз он пурсишҳое аз ҳазрат карданд, ки имом ба хубӣ посух дод. Ҳамагон аз ин, ки осори имоматро дар он гиромӣ диданд, ба имоматаш итминони бештар пайдо карда, хушҳол шуданд ва он ҳазратро сутуданду дуо карданд...

Яке аз онон, ки Исҳоқ ном дошт, мегӯяд: ман низ дар номае даҳ масъала навиштам, то аз он ҳазрат бипурсам. Ман бо худ гуфтам, ки агар он бузургвор ба пурсишҳои ман посух дод, аз ӯ тақозо мекунам, ки дуо кунад Худованд фарзандеро, ки ҳамсарам ҳомила аст писар қарор диҳад. Маҷлис тӯл кашид ва пайваста аз он

гиромӣ мепурсиданд ва ӯ посух медод. Ман аз ҷой бархостам, ки равам то рӯзи баъд номаи худро ба он ҳазрат биоварам. Дар ин ҳангом вақте имом маро дид, фармуд:

“Эй Исҳоқ! Худо дуои маро мустаҷоб кард, номи фарзандатро Аҳмад бигзор”.

Гуфтам:

- Сипос Худойро, ин ҳамон ҳуҷҷати Худост.

Исҳоқ ба ватани худ баргашт. Худованд писаре ба ӯ иноят кард ва номи ӯро Аҳмад гузошт.

2- **Умрон ибни Муҳаммади Ашъарӣ** мегӯяд, ки хидмати Имом Ҷавод (а) шарафёб шудам ва пас аз анҷоми корҳоям ба имом арз кардам:

- Уммулҳасан ба шумо салом расонд ва хоҳиш кард, ки яке аз либосҳоятонро барои он ки кафани худ созад, барояш иноят фармоед.

Имом фармуд:

- Ӯ аз ин кор бениёз шуд.

Ман баргаштам ва нафаҳмидам манзури Имом(а) аз ин сухан чӣ будааст. Баъдан хабар расид, ки Уммулҳасан сездаҳ ё чаҳордаҳ рӯз пеш, қабл аз расидани ман хидмати имом аз дунё гузаштааст.[1]

3- **Аҳмад ибни Ҳадид** мегӯяд: бо гурӯҳе барои анҷоми маросими ҳаҷ мерафтем. Роҳзанон роҳ бар мо бастанд ва амволамонро бурданд. Вақте ба

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.43.



Мадина расидем Имом Ҷавод(а)-ро дар кӯчае мулоқот кардам ва ба манзили он гиромӣ рафтам. Ҳодисаи дар роҳ ба сарамон омадаро ба арзи Имом(а) расондам. Ҳазрат фармон дод либосу пуле бароям биоварданд ва фармуд: “Пулро миёни ҳамроҳони худ ба ҳамон миқдор, ки дуздҳо аз онон бурдаанд, тақсим кун”. Пас аз он ки тақсим кардам, дарёфтам пуле, ки имом бароям дода буд ба ҳамон андоза буд, ки дуздҳо бурда буданд, на камтар ва на бештар.[1]

4- **Муҳаммад ибни Саҳли Қумӣ** мегӯяд: дар Макка зиндагӣ доштам. Боре ба Мадина рафтам ва бар Имом Ҷавод(а) ворид шудам. Мехостам аз имом либосе тақозо кунам, аммо то ҳангоми худоҳофизӣ натавонистам, ки тақозои худро бигӯям. Ман бо худ андешидам, ки тақозоямро дар номае ба он ҳазрат бинависам ва ҳамин корро кардам. Он гоҳ ба Масҷиди Расули Худо(с) рафтам ва бо худ қарор гузоштам, ки ду ракъат намоз бихонам ва сад бор аз Худои мутаол хайру салоҳ талаб кунам. Агар ба қалбам илҳом шуд, ки номаро барои Имом(а) фиристонам, мефиристам, вагарна номаро пора мекунам. Чунон кардам ва ба қалбам гузашт, ки номаро нафиристам. Номаро пора карда ба сӯи Макка раҳсипор шудам. Дар ин ҳол шахсеро дидам, ки

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.44.

дастмоле дар даст ва либосе дар он дорад ва миёни корвониён маро меҷӯяд. Ӯ ба ман расид ва гуфт: “Мавлоят ин либосро бароят фиристодааст...”.[1]

## Борвар шудани дарахт

Маъмун Имом Ҷавод(а)-ро ба Бағдод овард ва духтари худро ба ҳамсарии ӯ дод. Имом(а) бошад дар Бағдод боқӣ намонд ва бо ҳамсараш ба Мадина баргашт.

Ҳангоми бозгашт гурӯҳе аз мардум барои худоҳофизӣ имомро то баромади шаҳр гусел карданд. Ҳангоми намози шом ба маҳалле, ки масҷиди қадимӣ дошт расиданд. Имом ба он масҷид рафт, то намозро адо кунад. Дар саҳни саройи масҷид дарахти сидре буд, ки то он ҳангом мева надода буд. Он гиромӣ обе хост ва дар бехи дарахт таҳорат кард ва намози шомро бо ҷамоат ба ҷо овард. Пас аз он чаҳор ракъат намози нофила хонд ва саҷдаи шукр кард. Баъд аз он бо мардум хайрухӯш кард ва рафт.

Фардои он шаб дарахт ба бор нишаст ва меваи хубе дод ва мардум аз ин мавзӯъ бисёр тааҷҷуб карданд.[2] Аз марҳум Шайхи Муфид нақл

[1] “Хароиҷ”-и Равандӣ саҳ.237. “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.44.

[2] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.497. “Иршод”-и Муфид саҳ.306.



кардаанд, ки солҳо баъд эшон ин дарахтро дида ва аз меваи он хӯрдааст.

## Эъломи шаҳодати Имом Ризо (а)

**Умайя ибни Алӣ** мегӯяд: ҳангоме ки Имом Ризо(а) дар Хуросон буданд, ман дар Мадина зиндагӣ мекардам ва ба хонаи Имом Ҷавод(а) рафтуомад доштам. Маъмулан хешовандони имом барои арзи салом меомаданд. Рӯзе ҳазрат ба канизи худ фармуд, ки ба онон (занони хонавода) бигӯяд, ки барои азодорӣ омода шаванд. Рӯзи баъд имом низ ба онон гӯшзад кард, ки барои азодорӣ омода шаванд!

Пурсиданд:

- Барои азои чӣ касе?

Фармуд:

- Азои беҳтарин инсони рӯи замин.

Муддате баъд хабари шаҳодати Имом Ризо(а) омад ва маълум шуд ҳамон рӯзе, ки Имом Ҷавод(а) фармуда буд, ки “Барои азодорӣ омода шавед”, Имом Ризо(а) дар Хуросон ба шаҳодат расидааст.[1]

## Эътирофи қозӣ

**Қозӣ Яҳё ибни Ақсам**, ки аз душманони хонадони нубувват ва имомат аст, худ эътироф мекунад, ки: рӯзе наздики турбати Паёмбар (с)

[1] “Эъломулваро” саҳ.334.

Имом Ҷавод(а)-ро дидам. Бо ӯ дар масъалаҳои гуногуне ба мунозира пардохтам ва ҳамаро посух дод. Ба ӯ гуфтам:

- Ба Худо савганд, мехоҳам чизе аз шумо пурсам, вале шарм медорам.

Имом фармуд:

- Ман посухро бе он ки пурсишатро ба забон оварӣ мегӯям; ту мехоҳӣ пурсӣ, ки Имом кист?

Гуфтам:

- Оре, ба Худо савганд пурсишам ҳамин аст.

Фармуд:

- Имом манам.

Гуфтам:

- Нишонае барои ин даъвои худ доред?

Дар ин ҳангом асое, ки дар дасти он ҳазрат буд, ба сухан омад ва гуфт: “Ӯ мавлои ман, имоми ин замон ва ҳуҷҷати Худост.[1]

### Наҷоти ҳамсоя

Алӣ ибни Ҷарир мегӯяд: хидмати Имом Ҷавод (а) шарафёб шудам. Гӯсфанде аз хонаи имом гум шуда буд. Яке аз ҳамсоягонро ба иттиҳоми дуздии он кашон-кашон назди имом оварданд.

Ҳазрат фармуд:

[1] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.353. “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.68.



- Вой бар шумо! Ӯро раҳо кунед, гӯсфандро ӯ надуздидааст! Дар ҳоли ҳозир гӯсфанд дар фалон хона аст, равед ва гӯсфандро бигиред.

Ба ҳамон хонае, ки имом фармуда буд рафтанд ва гӯсфандро ёфтанд. Онон соҳибхонаро ба иттиҳоми дуздӣ дастгир карда, хуб мушту лагад зада либосашро пора карданд, аммо ӯ қасам мехӯрд, ки гӯсфандро надуздидааст.

Ӯро назди Имом(а) оварданд.

Ҳазрат фармуд:

- Вой бар шумо бар ин шахс ситам кардед, гӯсфанд худаш ба хонаи ӯ ворид шудааст ва ӯ хабаре надоштааст.

Он гоҳ Имом(а) барои дилбардорӣ ва ҷуброни либосаш маблағе ба ӯ ато кард.[1]

### Раҳоии зиндонӣ

Алӣ ибни Холид мегӯяд: дар Сомарро ба ман хабар расид, ки мардеро бо қайду банд аз Шом оварда дар ин ҷо зиндонӣ кардаанд ва мегӯянд, ки даъвои пайғамбарӣ кардааст.

Ба зиндон рафтам ва ба зиндонбон муҳаббату мадоро намудам, то иҷозат дод маро назди ӯ бурданд. Ӯро марди бофаҳму хирадманде ёфтам ва аз вай сабаби ба зиндон афтоданашро пурсидам.

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.48.

Гуфт:

- Дар Шом дар маҳалле, ки мегӯянд сари муқаддаси Сайидушшуҳадо Ҳусайн ибни Алӣ (а)-ро дар он ҷо насб карда буданд,[1] ибодат мекардам. Як шаб дар ҳоле ки ба зикри Худо машғул будам, ногаҳон шахсеро пеши худ дидам, ки ба ман гуфт:

- Бархез.

Бархостам ва ба ҳамроҳи ӯ чанд қадаме паймудам ва дидам дар масҷиди Кӯфа ҳастем. Аз ман пурсид:

- Ин масҷидро мешиносӣ?

Гуфтам:

- Оре, масҷиди Кӯфа аст.

Дар он ҷо намоз хондем ва берун омадем. Боз каме роҳ рафтем ва дидам дар Масҷиди Паёмбар(с) дар Мадина ҳастем. Турбати Паёмбарро зиёрат кардем, дар масҷид намоз хондем ва берун омадем. Каме дигар рафтем, дидам дар Макка дар Хонаи Худо ҳастем. Дар он ҷо тавоф кардем ва берун омадем ва андаке дигар роҳ паймудем ва худро дар Шом дар ҷои худ ёфтам ва он шахс аз назарам пинҳон шуд.

Аз он чӣ дида будам дар тааҷҷубу ҳайрат мондам. Як сол гузашт ва боз ҳамон шахс омад ва ҳамон мусофират ва ҳодисае, ки соли пеш дида

[1] Маҳалле аст маъруф ба "Раъсул Ҳусайн".



будам ба ҳамон шакл такрор шуд. Ин бор вақте мехост аз ман ҷудо шавад ӯро савганд додам, ки худашро ба ман шиносонад. Фармуд:

- Ман - Муҳаммад ибни Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ҳастам.

Ин қиссаро барои бархе нақл кардам ва хабари он ба Муҳаммад ибни Абдулмалики Зайёт - вазири Мӯътасими Аббосӣ расид. Ӯ фармон дод, ки маро баста ба ин ҷо оваранд ва зиндонӣ созанд. Овозаи дурӯғе паҳн карданд, ки ман гӯё даъвои паёмбарӣ кардаам.

Алӣ ибни Холид мегӯяд, ки ба ӯ гуфтам:

- Мехоҳӣ моҷарои туро ба Зайёт бинависам, то агар аз ҳақиқати ин қазия хабардор нест, хабардор шавад.

Гуфт:

- Бинавис.

Қиссаро ба Зайёт навиштам. Дар пушти ҳамон номаи ман Зайёт чунин ҷавоб гардонд: "Ба ӯ бигӯ аз касе, ки дар як шаб ӯро аз Шом ба Кӯфа, Мадина ва Макка бурда ва баргардондааст бихоҳад аз зиндон наҷоташ диҳад".

Аз ин посух ғамгин шудам ва фардои он рӯз ба зиндон рафтам, то ҷавобро ба ӯ расонам ва ӯро ба сабру бурдборӣ тавсия кунам. Зиндонбонон, посбонон ва бисёри дигарро дидам, ки нороҳат ва дар изтиробанд. Аз онон пурсидам:

- Чӣ шудааст?

Гуфтанд:

- Марде, ки даъвои паёмбарӣ дошт шаби гузашта аз зиндон берун рафтааст ва намедонем чӣ гуна рафтааст? Ба замин фурӯ рафтааст ва ё ба осмон парвоз кардааст?! Ҳарчи ҷустуҷӯ карданд асаре аз ӯ ба даст наоварданд.[1]

10- **АБӮСАЛТИ ҲИРАВӢ**, ки аз ёрони наздики Имом Ризо(а) буд ва пас аз шаҳодати Имом Ризо(а) ба фармони Маъмун ба зиндон афтод, мегӯяд:

“Як сол зиндонӣ будам. Шабе дилтанг шудам ва хобам наомад ва ба ибодату дуо пардохтам. Паёмбару хонадони гиромии ӯро шафоаткунандаи худ қарор додам ва Худовандро ба ҳурмати онон савганд додам, ки маро наҷот бахшад. Ҳанӯз дуоям поён наёфта буд, ки Имом Ҷавод(а)-ро дидам, ки дар зиндон назди ман аст. Ҳазрат фармуд:

- Эй Абӯсалт, синаат танг шудааст?

Арз кардам:

- Оре, ба Худо савганд.

Фармуд:

- Бархез! Ҳазрат даст ба занҷирҳои ман зад ва ҳалқаҳо боз шуд ва дасти маро гирифта аз зиндон берун овард. Нигаҳбонон маро диданд, аммо ба каромати он Ҳазрат маҷоли сухангуфтан

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.304. “Эъломулваро” саҳ.332.



надоштанд. Имом чун маро берун овард, фармуд: “Бирав дар амони Худо, баъд аз ин ҳаргиз Маъмунро нахоҳӣ дид ва ӯ низ туро нахоҳад дид”. Ҳамчунон шуд, ки Имом(а) фармуда буд.[1]

**Дар маҷлиси Мӯътасими Аббосӣ**

Зарқон, ки бо ибни Абӯдуод[2] дӯстию самимият дошт, мегӯяд: рӯзе Ибни Абӯдуод аз маҷлиси Мӯътасим ғамгин баргашт. Иллати норохатиашро ҷӯё шудам, гуфт:

- Имрӯз орзу кардам, ки кош бист сол пеш мемурдам!

Пурсидам:

- Чаро?

Гуфт:

- Ба хотири он чӣ аз Абӯҷаъфар (Имом Ҷавод(а)) дар маҷлиси Мӯътасим бар сарам омад!

Гуфтам:

- Ҷараён чист?

Гуфт:

- Шахсе ба duздии худ эътироф кард ва аз халифа (Мӯътасим) хост, ки бо иҷрои ҳадди илоҳӣ ӯро пок созад. Халифа ҳамаи фақеҳонро

[1] “Уйуну ахборир-Ризо” ҷ.2, саҳ.247. “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.303.

[2] Ибни Абӯдовуд яке аз қозиҳои Бағдод дар аҳди Маъмун, Мӯътасим, Восиқ ва Мутаваккил буд.

даъват кард ва Муҳаммад ибни Алӣ (Имом Ҷавод(а))-ро низ фаро хонд. Ӯ аз мо пурсид:

- Дасти дӯзд аз куҷо бояд бурида шавад?

Ман гуфтам:

- Аз мучи даст.

Гуфт:

- Далели он чист?

Гуфтам:

- Чун манзур аз даст, дар ояти таяммум **“фамсаҳу бивуҷуҳикум ва айдикум”** ,[1] **- *Сурат ва дастҳоятонро масҳ кунед, то мучи даст аст.***

Гурӯҳе аз фуқаҳо дар ин матлаб бо ман мувофиқ буданд ва мегуфтанд, ки дасти дӯзд бояд аз муч бурида шавад. Гурӯҳи дигар мегуфтанд, ки лозим аст аз оринҷ бурида шавад. Мӯътасим вақте далели ононро пурсид, гуфтанд:

- Манзур аз даст дар ояти таҳорат: **фағсилу вуҷуҳакум ва айдиякум илал марофиқи**,[2] **- *Рӯйҳо ва дастҳоятонро то оринҷ бишӯед”***, то оринҷ аст.

Он гоҳ Мӯътасим ба Муҳаммад ибни Алӣ (Имом Ҷавод(а)) рӯй овард ва пурсид:

- Назари шумо дар ин масъала чист?

Гуфт:

- Инҳо назар доданд, маро маъзур дор.

---

[1] Сураи “Моида” ояти 5.

[2] Сураи “Моида” ояти 5.



Мӯътасим исрор кард ва қасам дод, ки бояд назаратонро бигӯед.

Муҳаммад ибни Алӣ гуфт:

- Чун қасам додӣ назарамро мегӯям. Инҳо дар иштибоҳ ҳастанд, зеро фақат ангуштони дӯзд аз дасташ ҷудо шаванд ва бақияи даст боқӣ бимонад.

Мӯътасим гуфт:

- Ба чӣ далел?

Гуфт:

- Зеро Расули Худо(с) фармуд, ки саҷда бар ҳафт узв таҳаққуқ меёбад; пешонӣ, ду кафи даст, ду сари зону ва ду по (ду ангушти калони по). Аз ҳамин сабаб агар дасти дӯздро аз муч ё оринҷ бурида шавад, дасте барои ӯ намемонад, то саҷдаи намозро ба ҷо оварад. Худои мутаол мефармояд: **“Ва аннал масоҷида лиллоҳи фало тадъу маъаллоҳи аҳадо, - *Ҳафт узве, ки саҷда бар онон анҷом меёбад аз они Худост, пас бо Худо ҳеҷ касро махонед ва ибодат накунед”*.** Он чӣ барои Худо аст, қатъ намешавад.

Ибни Абӯдовуд мегӯяд: Мӯътасим ҷавоби Муҳаммад ибни Алиро писандид ва дастур дод, ангуштони дуздро ҷудо карданд ва ман орзуи марг кардам...[1]

---

[1] “Тафсири Айёшӣ” ҷ.1, саҳ.319. “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.5.

**Дасисаи издивоҷ**

Дар шарҳи зиндагонии Имом Ризо (а) гуфтем, ки Маъмуни Аббосӣ барои наҷот аз нобасомониҳое, ки дар ҷомеа рух дода буд, барои эмин мондан аз шӯриши алавиён ва ҷалби муҳаббати шиаён ва эрониён кӯшид, ки худро дӯстдори аҳли байти Паёмбар(с) қаламдод кунад. Ӯ бо таҳмили вилоятаҳдии худ бар Имом Ризо(а) мехост ҳам ин манзурро амалӣ созад ва ҳам имомро аз наздик зери назар дошта бошад.

Аз сӯи дигар хонадони Бани Аббос аз ин равиши Маъмун ва аз ин, ки эҳтимолан хилофат аз Бани Аббос ба алавиён мунтақил шавад сахт норозӣ ва хашмгин буданд ва аз ҳамин сабаб ба мухолифати ӯ бархостанд. Вақте Имом Ризо тавассути Маъмун заҳр дода ва шаҳид шуд, онон ором гирифтанд, хушнуд шуданд ва ба Маъмун рӯй оварданд.

Маъмун заҳр додани имомро бисёр сиррӣ ва махфиёна анҷом дода буд ва кӯшиш мекард, ки мардум аз ин ҷиноят огоҳӣ наёбанд. Маъмун барои пӯшондани ҷинояти худ, зоҳиран ба андӯҳу азодорӣ пардохт. Ӯ ҳатто се рӯз бар оромгоҳи Имом(а) рафтуӯмад карда нону намак хӯрд ва худро азодор нишон медод. Аммо бо ҳамаи ин пардапӯшӣ ва риёкорӣ саранҷом бар алавиён ошкор шуд, ки қотили имом касе ҷуз Маъмун набудааст. Аз ҳамин сабаб алавиён



озурдаю кинахоҳ шуданд ва Маъмун бори дигар ҳукумати хешро дар хатар дид. Ӯ барои пешгирӣ ва чорасозӣ найрангу ҳилаи дигаре оғоз кард ва меҳрубонию дӯстдорӣ нисбат ба Имом Ҷавод(а) нишон дод. Бо ҳамин сабаб Маъмун духтари худро ба издивоҷи он гиромӣ даровард. Ӯ кӯшид ҳамон истифодаеро, ки дар бор кардани вилоятаҳдӣ дар Имом Ризо(а) меҷуст, аз ин васли издивоҷ низ ба даст оварад.

Маъмун Имом Ҷавод(а)-ро дар соли 206-и ҳиҷрӣ, яъне як сол пас аз шаҳодати Имом Ризо(а) аз Мадина ба Бағдод овард ва духтари худ Уммулфазлро ба оини ҳамсарӣ ба ӯ дод.

**Райён ибни Шабиб** мегӯяд: вақте Аббосиён аз тасмими Маъмун дар мавриди издивоҷи духтараш бо Имом Ҷавод(а) огоҳ шуданд тарсиданд, ки мабодо бо ин кор ҳукумат аз дасти Аббосиён хориҷ шавад ва ҳамон вазъе, ки дар замони Имом Ризо(а) пеш омада буд, такрор шавад! Ба ҳамин ҷиҳат назди Маъмун рафтанд ва эътироз карданд. Онон ӯро савганд доданд, ки аз ин кор даст кашад ва гуфтанд: “...Он чӣ дар гузаштаи дур ва наздик миёни мо ва алавиён воқеъ шуда буд, медонӣ. Инчунин медонӣ, ки халифаҳои пеш аз ту ононро таҳқир ва аз худашон дур мекарданд. Мо пеш аз ин, ки валиаҳдии худро ба Ризо вогузор кардӣ нигарон будем, вале Худо он мушкилро бартараф сохт. Инак туро ба Худо савганд медиҳем, ки моро

дубора андӯҳгин масоз ва аз ин издивоҷ сарфи назар кун ва духтаратро бо яке аз аббосиён, ки салоҳияти ин васлро дорад ҳамсар соз!”.

Маъмун посух дод: “Он чӣ миёни шумо ва алавиён рӯй дода буд сабабгораш шумо будед ва агар ба инсоф назар кунед, онон аз шумо сазовортаранд. Он чӣ хулафои пеш аз ман бо алавиён анҷом доданд, қатъи раҳим (буридан аз хешованд) будааст ва ман аз ин кор ба Худо паноҳ мебарам. Инчунин дар мавриди вилоятаҳдии Ризо низ пушаймон нестам. Ман аз ӯ тақозо кардам, ки хилофатро пазирад, вале ӯ қабул накард ва тақдири илоҳӣ воқеъ шуд. Дар мавриди Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ (Имом Ҷавод(а)) бояд бигӯям, ки ман ӯро ба он ҷиҳат барои издивоҷ бо духтарам интихоб кардам, ки бо хурдсолӣ дар донишу фазилат бар тамоми аҳли фазл бартарӣ дорад ва ҳамин сабаби шигифтию тааҷҷуб аст. Умедворам ин мавзӯъ ҳамчунон, ки барои ман равшан шудааст барои ҳамаи мардум равшан шавад, то бидонанд, ки назари дуруст ҳамон назари ман (ӯ сазовори ҳамсарии духтари ман) аст”

Аббосиён гуфтанд: “Ҳарчанд ин навҷавон мӯҷиби шигифтию тааҷҷуби ту шудааст, вале ҳанӯз кӯдак аст ва илму донише наомӯхта аст. Сабр кун, то адаб биёмӯзад ва бо илми дин ошно шавад, он гоҳ манзури худро амалӣ соз”.



Маъмун гуфт: “Вой бар шумо! Ман ин ҷавонро беҳтар аз шумо мешиносам. Ӯ аз хонадоне аст, ки донишҳояшон худоӣ аст ва ба омӯхтан ниёзе надорад. Падарони ӯ ҳамеша дар илми дин ва адаб аз мардум бениёз буданд. Агар моил ҳастед ӯро биозмоед, то он чӣ гуфтам ба шумо ошкор шавад”.

Гуфтанд:

- Ин пешниҳоди хубе аст. Мо ӯро дар ҳузури шумо меозмоем ва масъалаи фиқҳиеро аз ӯ мепурсем. Агар дуруст посух дод, мо дигар эътирозе нахоҳем дошт ва бар ҳамагон дурустии назарияи халифа равшан мегардад, агар натавонист посух диҳад, мушкили мо ҳал мешавад ва халифа аз ин издивоҷ даст мекашад.

Маъмун гуфт:

- Ҳар вақт хостед метавонед ӯро имтиҳон кунед.

Аббосиён ба Яҳё ибни Аксам, ки қозии он замон буд мурочиат карданд ва ба ӯ ваъдаи подоши зиёде доданд, то аз Имом Ҷавод(а) масъалаеро суол кунад, ки посухи онро надонад. Яҳё ин хоҳишро бо ҷону дил пазируфт ва онон назди Маъмун баргаштанд. Аббосиён аз Маъмун хостанд рӯзеро барои ин кор таъйин кунад. Маъмун рӯзеро таъйин кард ва ҳама дар он рӯз гирд омаданд. Ба фармони Маъмун дар болои маҷлис ҷоеро барои Имом Ҷавод(а) таъйин карданд. Имом ворид шуд ва дар маҳалле, ки

таъйин шуда буд, нишаст. Яҳё ибни Аксам рӯ ба рӯи Имом(а) нишаста буд ва дигарон низ дар ҷойҳои худ карор гирифтанд. Маъмун бошад дар канори Имом(а) нишаста буд.

Яҳё ибни Аксам ба Маъмун гуфт:

- Иҷозат медиҳед аз Абӯҷаъфар суоле кунам?

Маъмун гуфт:

- Аз худи ӯ иҷозат бихоҳ.

Яҳё ба Имом(а) рӯ овард ва гуфт:

- Фидоят шавам, иҷозат медиҳӣ суоле матраҳ кунам?

Имом фармуд:

- Агар мехоҳӣ бипурс.

Яҳё гуфт:

- Фидоят шавам, дар мавриди касе, ки дар ҳоли эҳром шикореро[1] бикушад чӣ мефармоед?

Имом фармуд:

- Ин масъала паҳлӯҳои зиёде дорад: оё дар хориҷи ҳарам будааст ё дар дохил, аз ҳурмати ин кор хабар доштааст ё бехабар буда, қасдан куштааст ё саҳвану ба хато, ғулом будааст ё озод, хурд будааст ё калон, бори аввал чунин кореро анҷом додааст ё бори дуввум, сайд парранда будааст ё ғайри парранда, хурд будааст ё бузург, кушанда аз кори худ пушаймон шудааст ё қасди

[1] Бар касе, ки барои ҳаҷ ё умра эҳром бастааст, бархе корҳо аз ҷумла сайд кардан ҳаром аст.



такрори онро дорад, дар шаб сайд кардааст ё дар рӯз ва эҳроми ӯ эҳроми умра будааст ё эҳроми ҳаҷ.

Яҳё ибни Аксам аз ин ки имоми нӯҳсола асли суоли ӯро чунин олимона шарҳ дод, дар ҳайрат монд ва осори нотавонию шикаст дар чеҳрааш падидор шуд. Забони Яҳё ба лакнат афтод ва ҳамаи ҳозирон қудрати илмии имом ва шикасти Яҳёро дарёфтанд.

Маъмун гуфт:

- Сипос Худойро бар ин неъмат ва бар ин ки назари ман дуруст баромад. Он гоҳ Маъмун ба аббосиён рӯ кард ва гуфт: оё он чӣ инкор мекардед донистед?!

Дар ҳамин маҷлис Маъмун издивоҷ бо духтарашро ба Имом(а) пешниҳод кард ва аз ӯ хост хутбаи ақдро бихонад. Имом пазируфт ва дар оғози хутба фармуд:

**“Алҳамдулилоҳи иқроран бинеъматиҳи, ва ло илоҳа иллалоҳу ихлосан ливаҳдониятиҳи, ва саллаллоҳу ало Муҳаммадин саййиди барияиҳи, вал асфиёи мин итратиҳи. Аммо баъду фақад кона мин фазлиллоҳи алал аноми, ан ағно ҳум бил ҳалоли анил ҳароми, ва қола субҳонаҳу: ванкиҳул аюмо минкум вас солиҳина мин ибодикум ва имоикум ин якуну фуқароа юғниҳимуллоҳу мин фазлиҳи валлоҳу восиъун алим”.**

*Худойро барои эътироф бар неъмати ӯ сипосгузорам ва калимаи тавҳид-ло илоҳа иллаллоҳ мегӯям ба ҷиҳати ихлос дар ваҳдонияти ӯ ва дуруди Худо бар Муҳаммад сарвари офаридагон ва баргузидагон аз хонадони ӯ.*

*Бешак аз фазлу раҳмати Худо бар мардумон аст, ки ононро ба василаи ҳалол аз ҳаром бениёз сохта ва ба издивоҷ фармон дода ва фармудааст: безану бешавҳар аз худатон ва шоистагон аз бардагон ва канизони худро бо издивоҷи якдигар дароваред - ва ба ҷиҳати фақру бечизӣ аз издивоҷ монеъ нашавед - агар фақир бошанд Худованд ба раҳмати худ - ба онон ато мефармояд ва-бениёзашон месозад ва Худои мутаол вусъатдиҳандаи рӯзии бандагон ва доно ба ҳамаи чиз аст.*

Он гоҳ Имом(а) бо таъйини маҳрияе баробар бо маҳрияи ҳазрати Фотимаи Заҳро алайҳоссалом (панҷсад дирҳам) мувофиқати худро бо издивоҷ бо духтари Маъмун эълом фармуд. Маъмун аз тарафи духтар ақдро хонд ва Имом Ҷавод қабул кард. Ба фармони Маъмун тӯҳфаҳо ва ҷоизаҳои чашмгире ба ҳозирон доданд. Инчунин суфраҳо густурданд ва мардум таом хӯрда, пароканда шуданд ва фақат гурӯҳе аз наздикону дарбориёни Маъмун боқӣ монданд.



Маъмун аз имом тақозо кард, ки худ посухи суратҳои гуногуни ”Сайд дар ҳоли эҳром”-ро бигӯяд. Имом(а) пазируфт ва ба тафсил ба шарҳи он пардохт… .

Маъмун бо шунидани посух имомро бисёр таҳсин кард ва тақозо намуд, ин бор Имом(а) аз Яҳё ибни Аксам масъалае бипурсад. Имом ба Яҳё рӯ кард ва фармуд:

- Оё бипурсам?

Яҳё, ки шикастхӯрда ва тарсидаю ваҳмзадаи азамати илмии имом буд, гуфт:

- Майли шумост фидоятон шавам, агар донам посух медиҳам ва агар надонам аз худи шумо истифода мекунам ва меомӯзам.

Имом фармуд:

- Бигӯ чӣ гуна аст, ки марде дар бомдод ба зане нигоҳ кард дар ҳоле ки ин нигоҳ кардан бар ӯ ҳаром буд, ҳангоме ки офтоб боло омад бар ӯ ҳалол шуд, чун зӯҳр шуд бар ӯ ҳаром шуд, чун аср даррасид бар ӯ ҳалол шуд, чун офтоб ғуруб кард бар ӯ ҳаром шуд, шаб ҳангоми намози хуфтан бар ӯ ҳалол шуд, нимашаб бар ӯ ҳаром шуд ва чун субҳ дамид бар ӯ ҳалол шуд! Чаро чунин буд ва ба чӣ ҷиҳат бар ӯ ҳалол мешуд ва ҳаром мешуд?!

Яҳё гуфт:

- Ба Худо савганд посух ва чигунагиро намедонам, агар моилед худатон баён фармоед, то истифода кунем.

Имом фармуд:

**-** Он зан канизи марде буд. Марди номаҳраме дар бомдод ба ӯ нигоҳ кард дар ин ҳол ин нигоҳ ҳаром буд. Ҳангоме ки офтоб боло омад он канизро аз соҳибаш харид ва бар ӯ ҳалол шуд. Чун зуҳр шуд канизро озод кард, бар ӯ ҳаром шуд ва ҳангоми аср бо ӯ издивоҷ кард ва бар ӯ ҳалол шуд. Чун офтоб ғуруб кард “зиҳор”[1] намуд бар ӯ ҳаром шуд. Шаб ҳангоми намози хуфтан каффораи зиҳор дод бар ӯ ҳалол шуд ва нимашаб ӯро як талоқ дод ва бар ӯ ҳаром шуд ва чун субҳ дамид руҷӯъ кард (аз нав ба занӣ қабул кард) бар ӯ ҳалол шуд”.

Маъмун шигифтзада ба хешовандони худ, ки ҳозир буданд рӯ оварда гуфт:

**-** Оё дар миёни шумо касе ҳаст, ки ин гуна посухи чунин масъалаеро баён кунад ё посухи масъалаи қаблиро бидонад?

Гуфтанд:

**-** Не, ба Худо савганд...[2]

---

[1] “Зиҳор” пеш аз Ислом дар аҳди ҷоҳилият талоқ ҳисоб мешуд ва сабаби ҷудоии абадии байни зану шавҳар мегашт. Ҳукми зиҳор дар Ислом тағйир ёфт ва фақат сабаби ҳаром будан ва пардохти каффора шуд. Зиҳор он аст, ки мард ба зани худ бигӯяд: “Ту ба ман ё нисбат ба ман чун пушти модарам ё хоҳарам ё духтарам ҳастӣ. Дар ин сурат бояд каффораи зиҳор бидиҳад то ҳамсараш бар ӯ аз нав ҳалол шавад.

[2] “Иршод”-и Муфид саҳ.299. “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.74, 78. “Тафсири Қумӣ” саҳ.169.



Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки Маъмун бо ҳамаи зоҳиртарошиҳои дӯстона ва риёкориҳои фиребгарона аз ин издивоҷ ҷуз ҳадафҳои сиёсӣ манзури дигаре надоштааст. Метавон дарёфт, ки бахусус чанд ҳадафро дунбол мекардааст:

**1-** Бо фиристодани духтари худ ба хонаи имом он гиромиро барои ҳамеша дақиқан зери назар дошта бошад ва аз корҳои ӯ бехабар намонад. Духтари Маъмун низ ба ростӣ вазифаи суханчинӣ ва гузоришгари Маъмунро анҷом медод ва таърих шоҳиди ин ҳақиқат аст.

**2-** Бо ин васлат имомро бо дарбори пурайшу нӯши худ вобаста намуда, он бузургворро ба лаҳву лаъб ва фисқу фуҷур бикашонанд. Ба ин тартиб аз ин роҳ мехост бар азамати Имом латма ворид созад, мақоми арҷманди исмату имоматро дар назарҳо ночиз, хор ва сабук намояд.

Муҳаммад ибни Райён мегӯяд: Маъмун ҳар чӣ мекушид Имом Ҷавод (а)-ро ба лавҳу лаъб (корҳо ва бозиҳои беҳуда) водор созад муваффақ намешуд. Дар маҷлисе, ки ба унвони ҷашни издивоҷи имом барпо сохт, сад канизи зеборо, ки ҳар як ҷоме пур аз ҷавоҳирот дар даст доштанд, водор кард, ки вақте имом ворид шуд ва бар ҷои худ нишаст ба истиқболи ӯ бираванд. Онон ин корро карданд, аммо Имом ҳеҷ таваҷҷӯҳу эътиное ба онон нанамуд ва амалан фаҳмонд, ки аз ин корҳо безор аст.

Дар ҳамин маҷлис мутриберо барои хондану навохтан оварда буданд, аммо ҳамин, ки ӯ кори худро шурӯъ кард, имом бар ӯ бонг зад: "Аз Худо битарс ". Мутриб аз ҳайбати фармони имом, ки аз жарфҳои маънавият ва нерӯи илоҳию вилоии он гиромӣ моя дошт чунон тарсон шуд, ки асбоби мусиқӣ аз дасташ афтод ва дигар ҳаргиз то зинда буд натавонист аз дастҳояш барои созу наво истифода кунад.[1]

3- Ҳамчунон ки ишора кардем, бо ин пайванд алавиёнро аз эътирозу қиём бар зидди худ боздорад ва худро дӯстдору алоқаманд ба онон вонамуд кунад.

4- Авомфиребӣ - чунон ки гоҳе мегуфт: ман бо ин издивоҷ иқдом кардам, то Абӯҷаъфар(а) аз духтарам соҳиби фарзанд шавад ва ман бобои кӯдаке бошам, ки аз насли Паймбар(с) ва Алӣ ибни Абӯтолиб(а) аст![2] Хушбахтона ин орзуи Маъмун бенатиҷа монд, зеро духтари Маъмун ҳаргиз фарзанде наовард ва фарзандони Имом Ҷавод(а): имоми даҳум - Алии Ҳодӣ (а), Мӯсои Мубарқаъ, Ҳусайни Умрон, Фотима, Хадича, Умми Кулсум ва Ҳакима ҳамагӣ аз ҳамсари

[1] "Кофӣ" ҷ.1, саҳ.494. "Биҳоруланвор" ҷ.50, саҳ.60.

[2] "Таърихи Яъқубӣ" ҷ.2, саҳ.454.



дигари Имом, ки канизе нексират ва бузургвор ба номи Самонаи Мағрибия буд, ба дунё омадаанд.[1]

Ин издивоҷ, ки Маъмун бар он исрор меварзид, комилан ҷанбаи сиёсӣ дошт. Бинобар ин бо он ки ин пайванд бо зиндагии мураффаҳе ҳамроҳ буд, барои Имом, ки ҳамчун падарони гиромиаш ба дунё таваҷҷӯҳе надошт, наметавонист арзише дошта бошад, балки усулан зиндагӣ бо Маъмун барои он ҳазрат бори гарон ва пурранҷ буд.

Ҳусайни Макорӣ мегӯяд: дар Бағдод хидмати Имом Ҷавод(а) шарафёб шудам. Вақте зиндагиашро дидам, дар зеҳнам омад, ки "Имом ба ин зиндагии мураффаҳ расида аст ва ҳаргиз ба ватани худ Мадина боз нахоҳад гашт. Имом лаҳзае сар ба зер афканд, он гоҳ сар бардошт дар ҳоле ки аз андӯҳ рангаш зард шуда буд, фармуд:

"Эй Ҳусайн! Нони ҷавин ва намаки дурушт дар ҳарами Расули Худо(с) пеши ман аз он чӣ маро дар он мебинӣ маҳбубтар аст".[2]

Аз ҳамин сабаб Имом дар Бағдод намонд ва бо ҳамсараш Уммулфазл ба Мадина баргашт. Ҳазрат то соли 220 ҳамчунон дар Мадина боқӣ монд.

[1] "Мунтаҳаломол" ҷ.2 саҳ.235.

[2] "Хароиҷ"-и Ровандӣ саҳ.206. "Биҳоруланвор" ҷ.50, саҳ.48.

Маъмун дар соли 218-и ҳиҷрӣ маргаш фаро расид ва пас аз ӯ бародараш Мӯътасим ҷои ӯро гирифт. Дар соли 220-и ҳиҷрӣ Мӯътасим имомро аз Мадина ба Бағдод овард, то аз наздик ба ӯ назорат кунад. чӣ тавре ки қаблан зикр шуд дар маҷлисе, ки барои таъйини маҳалли буридани дасти дузд ташкил дода буданд, имомро низ ширкат доданд ва қозии Бағдод ибни Абӯдовуд ва дигарон шарманда шуданд. Чанд рӯз баъд аз он Ибни Абӯдовуд аз ҳасаду кинаварзӣ назди Мӯътасим рафт ва гуфт:

Ба ҷиҳати хайрхоҳӣ ба шумо хотиррасон мекунам, ки ҷараёни чандрӯзи қабл ба манфиати ҳукумати шумо набуд. Зеро дар ҳузури ҳамаи донишмандону мақомҳои олии мамлакат фатвои Абӯҷаъфар (Имом Ҷавод)-ро ки ниме аз мусулмонон ӯро халифа ва шуморо ғосиби ҳаққи ӯ медонанд, бар фатвои дигарон бартарӣ додӣ ва ин хабар миёни мардум мунташир ва бурҳону ҳуҷҷате барои шиаёни ӯ гардид.

Мӯътасим, ки мояи ҳар навъ душманӣ бо имомро дар худ дошт аз суханони Ибни Абӯдовуд бештар тахрик[1] шуд ва тасмим ба қатли Имом(а) гирифт. Саранҷом манзури палиди худро амалӣ сохт ва он Ҳазратро дар

[1] Ба ваҷд омад, ба шавқ омад, илҳом гирифт.



охири моҳи зиқаъдаи соли 220 заҳр дод ва шаҳид намуд.

Пайкари поки Имом Абӯҷаъфар Ҷаводро дар канори қабри бобои гиромиаш Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а), дар гӯристони қурайш дар Бағдод ба хок супориданд.[1]

Мазори ин ду гиромӣ ҳамакнун ба "Козимайн" машҳур аст ва қарнҳост, ки зиёратгоҳи мусулмонон будааст.

### Шогирдони мактаби Имом Ҷавод (а)

Имомони поки мо ҳамчун Паёмбари гиромӣ(с) пайваста дар таълиму тарбияти мардум мекӯшиданд. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки кори онон наметавон бо муассисаҳои омӯзишӣ муқоиса кард. Созмонҳои омӯзишӣ вақти муайяне барои тадрису таълим доранд ва дар хориҷ аз он вақт, таътиланд ва хидмате анҷом намедиҳанд. Пешвоёни маъсум (а) бошанд, ҳамавақт ба роҳнамоию тарбияти мардум пойбанд буданд. Рафтор, гуфтор, муоширaт ва ҳатто ҳар гӯша аз зиндагии рӯзмарраи онон омӯзишгари касоне буд, ки бо онон тамос доштанд. Ҳар кас ҳар вақт бо онон менишаст барояш мумкин буд, ки аз ахлоқу дониши онон баҳраманд шавад. Агар суоле дошт метавонист

[1] "Биҳоруланвор" ҷ.50, саҳ.6. "Эъломулваро" саҳ.338. "Иршод"-и Муфид саҳ.307.

матраҳ кунаду посухи онро шунавад ва пурсишҳо ҳам маҳдуд набуд. Мурочиаткунандагон ҳар мушкиле доштанд мепурсиданд ва ҷавоби қаноатманд мегирифтанд.

Бадеҳӣ аст чунин мадрасае ҳаргиз ва дар ҳеҷ ҷо ҷуз дар мактаби паёмбарон ва имомон намуна надошта ва надорад. Табиӣ аст, ки хос будан ва самарабахшии чунин мактабе то чӣ андоза хиракунанда ва ҷозиб будааст. Ба ҳамин ҷиҳат хулафои Умавӣ ва Аббосӣ, ки медонистанд агар мардум мутаваҷҷеҳи ин вижагӣ (хусусиятҳо) шаванд, ба сӯи пешвоёни илоҳӣ ва имомони барҳақ ҷазб хоҳанд шуд ва ҳукумати ин ғосибон дар хатар қарор хоҳад гирифт. Онҳо то он ҷо, ки барояшон мумкин буд мекӯшиданд, ки мардум бо пешвоёни воқеии Ислом ба таври озод тамос надошта бошанд. Танҳо чанд соле дар замони Имом Боқир(а) ба ҷиҳати ҳукумати Умар ибни Абдулазиз, ки рафтори инсонӣ дошт ва дар замони Имом Содиқ(а) ба ҷиҳати он ки ҳукумати Умавӣ рӯ ба завол буд ва ҳукумати Аббосӣ ҳам ҳанӯз қудрате надошт, мардум тавонистанд аз он ду имоми бузургвор ба таври озодтаре истифода кунанд. Таърих гувоҳ аст ва мебинем, ки шумораи шогирдону ровиён аз Имом Содиқ(а) ба ҳудуди чаҳор ҳазор нафар расид.[1] Аммо дар

[1] "Риҷол"-и Тӯсӣ саҳ. 142.



давраҳои дигар асҳоб, шогирдон ва ровиёни бархе аз имомон (а) бисёр кам будаанд.

Барои мисол асҳоб, шогирдон ва ровиёни Имом Ҷавод (а) қариб саду даҳ нафаранд[1] ва ин гӯёи он аст, ки дар замони он гиромӣ тамоси мардум бо ӯ то чӣ андоза маҳдуд будааст. Дар айни ҳол дар миёни ҳамин афрод чеҳраҳои дурахшоне вуҷуд дорад, ки барои намуна ба бархе ишора мекунем:

**1- Алӣ ибни Маҳзиёр**:

Аз ёрони хос ва ҷузви вакилони Имом Ҷавод (а) буд. Маҳзиёр инчунин аз асҳоби Имом Ризо ва Имом Ҳодӣ (а) низ ба ҳисоб меравад. Ӯ бисёр ибодат мекард ва дар асари саҷдаҳои дурудароз пешониаш пина баста буд. Ҳангоми тулӯи офтоб сар ба саҷда мениҳод ва сар намебардошт то ҳазор тан аз мӯъминонро дуо мекард ва аз Худои мутаол барои онон он чӣ барои худ мехост, талаб менамуд.

Алӣ ибни Маҳзиёр дар Аҳвоз мезист ва беш аз сӣ китоб таълиф кард. Дар маротиби имон ва амал ба чунон мақоми арҷманде ноил шуд, ки боре Имом Ҷавод(а) дар қадрдонӣ аз ӯ навишт:

> ***"Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Эй Алӣ! Худованд ба ту подоши некӯ ато фармояд, туро дар биҳишт ҷой диҳад,***

[1] "Риҷол"-и Тӯсӣ саҳ. 398-409.

***дар ҳар ду ҷаҳон аз хорӣ нигоҳ дорад ва дар охират бо мо маҳшур намояд. Эй Алӣ! Ман туро дар хайрхоҳӣ, итоат, эҳтиром, хидмат ва анҷоми он чӣ бар ту воҷиб аст, озмудаам ва агар бигӯям ҳеҷ касро чун ту наёфтаам, умеди он дорам, ки дар ин гуфтор ростгӯ бошам. Худованд биҳиштҳои фирдавсро подоши ту қарор диҳад. Мақоми ту ва низ хидматҳои ту дар гармою сармо ва шабу рӯз бар ман пӯшида нест. Аз Худо масъалат мехоҳам дар қиёмат ҳангоме ки ҳамаи мардум ҷамъ мешаванд, туро ба раҳмати хосе ихтисос диҳад, чунон ки мавриди ҳасад ва ҳасрати дигарон фаро гирад, иннаҳу самиъуд дуъо”***[1]

**2- Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абӯнасри Базантӣ**:

Аз мардуми Кӯфа ва аз ёрони хоси Имом Ризо ва Имом Ҷавод (а) ва назди он ду имоми маъсум бисёр арҷманд буд. Аҳмад чандин китоб ва аз ҷумла китоби “Алҷомеъ”-ро таълиф кардааст. Фақоҳати ӯро ҳамаи донишмандони шиа қабул доранд ва ӯро мавриди итминони комил медонанд.[2]

[1] “Ғайбат”-и Шайх Тӯсӣ саҳ. 225. “Биҳоруланвор” ҷ.50, саҳ.105.

[2] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.558.



Ин гиромӣ ҳамон аст, ки ҳамроҳ бо се тани дигар ба хидмати Имом Ризо(а) шарафёб шуд ва имом нисбат ба ӯ муҳаббату эҳтироми хосе иноят доштанд.

**3- Закариё ибни Одам**:

Закариё аз аҳли шаҳри Қум буд ва дар ҳоли ҳозир мазораш дар шаҳристони Қум маълуму машҳур аст. Ӯ аз ёрони бисёр наздики Имом Ризо ва Имом Ҷавод (а) маҳсуб мешуд. Имом Ҷавод(а) барои ӯ дуо фармуд ва ӯро аз ёрони бовафои хеш ба шумор овард.[1]

Боре хидмати Имом Ризо(а) шарафёб шуда буд ва имом аз аввали шаб то субҳ дар хилват бо ӯ сухан мегуфт.[2] Инчунин дар посухи касе, ки аз имом пурсида буд: ”Роҳи ман дур аст ва наметавонам ҳамеша хидмати шумо бирасам, маориф ва аҳкоми динамро аз чӣ касе фаро гирам?”

Фармуд: “Аз Закариё ибни Одам, ки дар умури дин ва дунё амин аст”.[3]

**4- Муҳаммад ибни Исмоил ибни Базиъ**

Аз ёрони Имом Козим, Имом Ризо ва Имом Ҷавод алайҳимуссалом ва назди шиа аз мувассиқин (ростгӯён) ба ҳисоб меравад. Ӯ марди

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.503.

[2] “Мунтаҳаломол” саҳ.85.

[3] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.595.

солеҳ, дурусткирдор ва аҳли ибодат буд. Китобҳое таълиф кард ва дар айни ҳол дар дарбори Аббосиён кор мекард.[1] Дар ин робита Имом Ризо(а) ба ӯ фармуд:

"Худованд дар дарбори ситамгарон бандагоне дорад, ки ба воситаи онон бурҳони худро ошкор месозад ва ононро дар шаҳрҳо қудрат мебахшад то ба василаи онон дӯстон ва авлиёи худро аз ситами ситамгарон нигоҳ дорад ва умури мусулмононро ислоҳ кунад. Онон дар хатарҳою ҳодисаҳо паноҳи аҳли имонанд ва гирифторону ниёзмандон аз шиаёни мо ба онон рӯ меоваранд ва рафъи гирифторию ниёзи худро аз онон мехоҳанд. Ба воситаи чунин афроде, Худованд мӯъминонро аз ҳароси ситамгарон эминӣ мебахшад. Онон мӯъминони ҳақиқӣ ва аминҳои Худо дар заминанд. Рӯзи растохез, аз нури онон нуронӣ аст. Ба Худо қасам, ки биҳишт барои онон ва онон барои биҳишт офарида шудаанд ва гуворояшон бод".

Он гоҳ Имом фармуд:

- Ҳар як аз шумо бихоҳад метавонад ба ҳамаи ин мақомот ноил шавад.

Муҳаммад ибни Исмоил арз кард:

- Фидоят шавам ба чӣ чиз?

Фармуд:

[1] "Риҷол"-и Наҷошӣ саҳ.254.



- Ба ин ки бо ситамгарон бошад ва бо хушҳол кардани шиаёни мо моро хушҳол кунад (дар мансабу мақоме, ки қарор мегирад ҳадафаш рафъи зулму ситам аз мӯъминон бошад).

Дар поён Имом(а) ба Муҳаммад ибни Исмоил, ки аз вазирони дарбори Аббосӣ буд фармуд: "Эй Муҳаммад, ту низ аз онон бош!.[1]

Ҳусайн ибни Холид мегӯяд: бо гурӯҳе хидмати Имом Ризо(а) будем. Аз Муҳаммад ибни Исмоили Базиъ сухан ба миён омад. Имом(а) фармуд: "Дӯст дорам дар миёни шумо нафарҳое мисли ӯ бошад.[2]

Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Яҳё мегӯяд: бо Муҳаммад ибни Алӣ ибни Билол ба зиёрати қабри Муҳаммад ибни Исмоил ибни Базиъ рафтем. Муҳаммад ибни Алӣ дар тарафи сари қабр рӯ ба қибла нишаст ва гуфт: соҳиби ин қабр бароям нақл кард, ки Имом Ҷавод(а) фармуд: "Касе, ки қабри бародари мӯъмини худро зиёрат кунад ва канори қабри ӯ рӯ ба қибла нишинад ва дасти худро бар қабр расонад ва ҳафт бор сураи **"Инно анзалноҳу фи лайлатилқадр"**-ро бихонад аз тарсу ваҳшат ва ҳароси бузурги қиёмат эмин мегардад.[3]

[1] "Риҷол"-и Наҷошӣ саҳ.255.

[2] "Риҷол"-и Наҷошӣ саҳ.255.

[3] "Риҷол"-и Кашшӣ саҳ.564.

Муҳаммад ибни Исмоил ибни Базиъ мегӯяд: “Аз Имом Ҷавод (а) тақозо кардам пероҳане аз пероҳанҳои худро бароям бифиристад, то кафани хеш созам. Он гиромӣ пероҳан фиристод ва фармон дод тугмаҳояшро бардорам”.[1]

**Чанде аз суханони пургуҳари Имом (а)**

Суханони имоми маъсум, ки шуое аз офтоби дониши эшон аст, барои бандагони Худо раҳнамои равшан ва мутмаин ба шумор меравад. Сабаб он аст, ки он бузургворон аз ҳар гуна хатою инҳироф ва каҷандешӣ барканоранд. Раҳнамудҳои онон танҳо ба як буъд назар надорад, балки ҳамаи абъоди вуҷудии инсонро шомил мешавад, махсуси қишри хосе ҳам нест, балки ҳамаи қишрҳоро ба сӯи камоли инсонӣ тела медиҳад, дар ҳамаи маротиб фитратҳоро бармеангезад ва бедор месозад.

Инак намунаҳое аз суханони нӯҳумин пешво - Имом Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алии Ҷавод (а)-ро ба нақл аз китобҳои бародарони аҳли суннат зикр мекунем. Умедворем, ки моро низ судбахшу раҳнамо бошад:

1- **“Манистағно биллоҳи ифтақаран носу илайҳи, ва ман иттақаллоҳа аҳаббаҳунносу”**[2]

---

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.245 ва 564.

[2] “Нурулабсор” саҳ.180.



***Касе, бо такя ба Худо рӯи ниёз аз мардум бигардонад, мардум ба ӯ ниёзманд мешаванд ва касе, ки парҳезкорӣ пеша созад маҳбуби мардумон мегардад.***

2- **“Ал камолу фил ақли”**.[1]

***Камоли одамӣ дар хирадмандӣ аст.***

3 – **“Ҳасбулмаръи мин камолил муруввати ан ло ялқо аҳадан бимо якраҳу”**[2]*

***Камоли мурувват он аст, ки инсон бо ҳеҷ кас чунон рафтор накунад, ки бар худаш намеписандад.***

4- **“Ло туъоличул амра қабла булуғиҳи фатандаму ва ло ятуланна алайкумул амалу фатақсу қулубукум варҳаму зуъафоакум ватлубу миналлоҳир раҳмата бир раҳмати фиҳим”**.[3]

***Ба коре, ки вақташ нарасида аст иқдом накунед, ки пушаймон мешавед. Орзуҳои дурудароз надошта бошед, ки сабаби қасовати қалб аст, ба нотавонони худ раҳм кунед ва бо тараҳҳум бар онон раҳмати Худойро биҷӯед.***

5- **“Манистаҳсана қабиҳан кона шарикан фиҳи”**.[4]

***Он ки кори зиштеро некӯ шуморад, дар он кор шарик аст.***

---

[1] “Фусулулмуҳимма” саҳ.290.

[2] “Нурулабсор” саҳ.180.

[3] “Фусулулмуҳимма” саҳ.292.

[4] “Нурулабсор” саҳ.180.

6- **"Ал омилу бизулми вал муъину алайҳи варрози шуракоа".**[1]

***Ситамкор ва ёрикунандаи ситамкор ва касе, ки ба ситами ӯ розӣ аст, ҳама дар гуноҳи он шариканд.***

7- **"Ман ваъаза ахоҳу сирран фақад зонаҳу ва ман ваъазаҳу алониятан фақад шонаҳу".** [2]

***Касе, и бародари мӯъмини худро пинҳонӣ панд диҳад, ӯро ороста ва касе, ки ошкоро дар ҳузури дигарон насиҳат кунад, чеҳраи иҷтимоии ӯро зишт сохтааст.***

8- **"Алқасду илаллоҳи билқулуби аблағу мин исботил ҷавориҳи бил аъмоли".**[3]

***Бо дил ба Худо тавақҷӯҳ кардан, муассиртар аз аъзоро бар амал водор кардан аст.***

9- **"Явмул адли алаз золими ашадду мин явмил ҷаври алал мазлуми".**[4]

***Рӯзи додхоҳию адолат бар ситамгар сахттар аз рӯзи ситам бар ситамдида аст.***

10- **"Унвону саҳифатил муслими ҳусну хулқиҳи".**[5]

***Сарогози номаи амали мусулмон (дар қиёмат) некхулқии ӯст.***

---

[1] "Фусулулмуҳимма" саҳ.291.

[2] "Нурулабсор" саҳ.180.

[3] "Фусулулмуҳимма" саҳ.289.

[4] "Фусулулмуҳимма" саҳ.291.

[5] "Нурулабсор" саҳ.180.



11- **"Салосун юбаллиғна билъабди ризвоналлоҳи таъоло: касратул истиғфори ва линул ҷониби ва касратус садақати ва салосун ман кунна фиҳи лам яндам: таркул аҷалати вал машварату ват таваккулу алаллоҳи индал азми".**[1]

***Се чиз инсонро ба хушнудии Худо мерасонад: бисёр омӯрзиш хостан аз Худо, нармхӯӣ бо мардум ва бисёр садақа додан. Ва се хислат, ки дар ҳар кас бошад пушаймон намешавад: шитоб накардан дар корҳо, машварат дар корҳо ва таваккал бар Худо ҳангоме ки (пас машварат) бар анҷоми коре тасмим мегирад.***

12- **"Ман амала фоҷиран кона адно уқубатиҳил ҳирмону".**[2]

***Касе,ки ба фосиқе умед бандад, камтарин кайфараш маҳрумият аст.***

13- **"Манинқатаъа ило ғайриллоҳи ваккалаҳуллоҳу илайҳи ва ман амила ало ғайри илмин афсада аксара миммо юслиҳу".**[3]

***Он ки бар ғайри Худо умед бандад, Худованд ӯро ба ҳамон вомегузорад ва он ки бидуни илму огоҳӣ коре анҷом диҳад беш аз он чӣ обод кунад, вайрон мекунад.***

14- **"Аҳлул маъруфи ило истиноъиҳи аҳваҷу мин аҳлил ҳоҷати илайҳи, лианна лаҳум**

---

[1] "Фусулулмуҳимма" саҳ.291.

[2] "Нурулабсор" саҳ.181.

[3] "Фусулулмуҳимма" саҳ.289.

**аҷраҳум ва фахраҳу ва зикраҳу фамаҳмо истанаъар раҷулу мин маъруфин фаиннамо ябтадиу фиҳи бинафсиҳи”.**[1]

*Некикунандагон ниёзашон ба некӣ кардан беш аз ниёзмандон аст, зеро некӯкорӣ барояшон подош ва ифтихору хушномӣ меоварад. Бинобар ин ҳар кори хайре анҷом диҳанд, ибтидо ба худ некӣ кардаанд.*

15- **“Ал ифофу зинатул фақри, вашшукру зинатул ғино, вассабру зинатул бало, ваттавозуъу зинатул ҳасаб, вал фасоҳату зинатул калом, вал ҳифзу зинатур ривояти, ва хафзул ҷаноҳи зинатул илми, ва ҳуснул адаби зинатул ақли, ва бастул ваҷҳи зинатул карами, ва таркул манни зинатул маъруфи, вал хушуъу зинатус салоти ва тарку мо ло яъни зинатул вараъи”.**[2]

*Порсоӣ зинати фақр аст, шукр зинати тавонгарист, шикебоӣ зинати балост, фурӯтанӣ зинати шаъну бузургӣ аст, гӯёӣ зинати сухан аст, нигаҳдорию ҳифзи дақиқ зинати ривоят аст, тавозӯъ зинати дониш аст, адаб зинати хирад аст, кушодарӯӣ зинати карам ва бахшандагӣ, миннат наниҳодан зинати эҳсону некӣ, таваҷҷӯҳ ва ҳузури қалб зинати намоз аст ва тарки корҳои беҳуда зинати*

[1] “Нурулабсор” саҳ.180.

[2] “Фусулулмуҳимма” саҳ.291.



*тақвою парҳезкорӣ аст.*

16- **“Ман васиқа биллоҳи ва таваккала алаллоҳи наҷоҳуллоҳу мин кулли суин ва ҳараза мин кулли адувин”.**[1]

*Ҳар кас ба Худо эътимод дошта бошад ва бар ӯ таваккул кунад, Худо ӯро аз ҳар бадие наҷот медиҳад ва аз ҳар душмане ҳифз мекунад.*

17- **“Аддину иззун, вал илму канзун, вассумту нурун, вало ҳадма лиддини мислул бидаъи, ва ло афсада лирриҷоли минат тамаъи, ва бирроъи таслаҳур раъийяту ва бид дуъои тусрафул балийяту”.**[2]

*Дин мояи сарбаландӣ аст, дониш ганҷ аст ва сукут нур аст. Ҳеҷ чиз мисли бидъатҳо динро аз байн намебарад ва ҳеҷ чиз монанди тамаъ мардумро фосид намекунад. Ба воситаи зимомдори лоиқу солеҳ мардум ислоҳ мешаванд ва бо дуою хоҳиш аз Худо, бало бартараф мешавад.*

18- **“Ас сабру алал мусибати мусибатун лиш шомити”.**[3]

*Шикебоӣ дар мусибате, ки бар инсон ворид шудааст, барои душмане, ки мехоҳад сарзаниш кунад, мусибат аст.*

19- **“Кайфа юзиъу маниллоҳу кофилуҳу ва кайфа янҷу маниллоҳу толибуҳу”.**[1]

[1] “Нурулабсор” саҳ.181.

[2] “Фусулулмуҳимма” саҳ.290.

[3] “Нурулабсор” саҳ.180.

***Чӣ гуна мумкин аст касе, ки Худо сарпарасти ӯст табоҳ шавад ва чӣ гуна мумкин аст, касе ки Худо дар таъқиби ӯст, раҳоӣ ёбад.***

**20- Қола алайҳиссалому фӣ ҷавоби раҷулин қола лаҳу усини бивасийятин ҷомиъатин мухтасаратин: "Сун нафсака ан орил оҷилати ва норил оҷилати”.**[2]

***Шахсе аз Имом (а) тақозо кард, ки ӯро дар ҷумлаи кӯтоҳ насиҳати ҷомеъ фармояд. Имом фармуд: “Худро аз корҳое, ки сабабгори нанг дар дунё ва азоб дар охират аст, ҳифз кун”.***

***Поён.***

[1] “Фусулулмуҳимма” саҳ.289.

[2] “Эҳқоқулҳақ” ҷ.12 саҳ.439.



## Мундариҷа

Сарсухан ....5
Валодати Имом (а) ....9
Имомати он гиромӣ ....14
Порае аз ахбори ғайбӣ ва мӯъҷизаҳо ....18
Борвар шудани дарахт ....21
Эъломи шаҳодати Имом Ризо (а) ....22
Эътирофи қозӣ ....22
Наҷоти ҳамсоя ....23
Раҳоии зиндонӣ ....24
Дар маҷлиси Мӯътасими Аббосӣ ....28
Дасисаи издивоҷ ....31
Шогирдони мактаби Имом Ҷавод (а) ....44
Чанде аз суханони пургуҳари Имом (а) ....51